Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17).

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Солиев Беҳрузҷон Назарович дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – «Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва омор».**

Шартҳои дасрасӣ ба қарзи бонкӣ ва таъсиррасони он омили муҳими рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад ва тағирёби ҳолати он ба маҷмӯи омилу шароитҳои мухталиф алоқамандии зич дорад. Қарздиҳии бонкӣ бо мақсади дастгирии аҳолӣ, соҳибкорон ва дигар субъектҳои хоҷагӣ дода мешавад. Ба шартҳои дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ, сиёсати қарздиҳии ташкилотҳои бонкӣ, вазъияти муосири пардохтпазирии бонкҳо, дараҷаи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар бозори қарз, шартҳои амалиётии Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои қарзии кишвар, ҷалби пасандозҳои интиқолӣ дар бозори қарзии дохилӣ ва ғайра таъсир мерасонад, ки дар натиҷа ба тағйирёбии талабот ба қарзи бонкӣ мусоидат менамоянд. Бинобар ин, барои дастрасии аҳолӣ, соҳибкорон ва дигар субъектҳои хоҷагӣ ба қарзи бонкӣ на танҳо аз рӯйи меъёри фоиз, инчунин, аз рӯйи доираи васеи нишондиҳандаҳои шартҳои қарздиҳии бонкӣ, бахусус, кам будани пешниҳоди ҳаҷми қарзҳои калон, қонеъ нагардонидани муҳлати истифодаи қарз, таъминоти қарз, талабот ба ҳолатҳои молиявии қарзгир, дер баррасӣ шудани муҳлати қарз ва ғайра муайян карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар таҷриба мувофиқакунонии таҳлили ҳисоботи молиявӣ бо омӯзиши индикаторҳои шартҳои қарзи бонкӣ, ки дар худ маълумотро доир ба тағйирёбии шартҳои ғайринархии шартномаҳои бастаршуда–ҳаҷми қарз, муҳлати қарз, талаботи бонкҳо ба ҳолати молиявии қарзгирон, таъмини қарз бо гарав ва дигар доираи васеи шартҳои иловагии қарздиҳии бонкиро дар бар мегирад, барои дарккунии амиқи равандҳои дар бозори қарз ба вуқӯъ оянда мусоидат менамояд. Бахусус, вазнин гардидани талабот ба сифати таъминоти қарз имконияти дастрасии мизоҷро барои гирифтани қарзи бонкӣ маҳдуд менамояд. Кам намудани муҳлати дарозтарини қарз ба таври қатъӣ дастрасии муштариёнро барои гирифтани қарз паст менамояд. Яъне ин ба маҳдуд намудани ҳаҷми қарзҳои калон барои қарзгирони калон дар бозори қарзӣ сабаб мегардад.

Хулоса, диссертант дар рисолаи илмии худ тавонистааст, ки ҷанбаҳои калидии шартҳои дастрасии қарзи бонкиро мавриди муҳокима қарор диҳад.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки онро ҳамчун эрод бояд қайд намоем:

1. Агар таҳлили маълумотҳо вобаста ба ҷадвали 1. “Системаи нишондиҳандаҳои омории шартҳои қарзи бонкӣ, ки диссертант бо ду қисм ҷудо намудааст, амалӣ мегашт, пайдарпайи таҳқиқот илман асоснок ба назар мерасад.

2. Дар саҳифаи 15 диаграмаи 3 сатҳи паст гаштани таносуби андозаи қарзҳои додашуда ва ҳаҷми ҷалби пасандозҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар солҳои 2010 – 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, хуб мешуд агар муаллиф сабабҳои паст гаштани нишондиҳандаи мазкурро мушахас пешниҳод менамуд.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва васеъ гаштани таҳқиқот оварда шуд, ки зеро онҳо ислоҳшаванда буда, хусусияти тавсиявӣ доранд ва бояд қайд намуд, ки ин камбудиҳо ба мазмуни асосии рисолаи илмӣ монеа шуда наметавонанд.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намоям, ки автореферати диссертатсияи Солиев Беҳрузҷон Назарович дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод, аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – «Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва омор» пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарриз, н.и.ф.м., дотсенти**
**кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ**
**ва аудити ДДТТ** **Зарипов Э.Ш.**

**Имзои Зарипов Э.Ш.-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори раёсати кадрҳо ва ҳуҷҷатнигорӣ** **Мумтоз Назирӣ**